**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**Тақризи**

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои фалсафа, муаллими калон Сатторзода Субҳиддин Наҷмуддин доир ба диссертатсияи Камолов Шодмонҷон Валихонович дар мавзуи «Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ)**

Диссертатсияи Камолов Шодмонҷон Валихонович дар мавзуи «Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ» яке аз масъалаҳои калидӣ ва мубрами фалсафа ва илми муосир, инчунин яке аз мавзуҳои калидии манзараи муосири илмии олам мебошад. Охири қарни гузашта бо қадам мондани инсоният ба давраи нави рушди худ – марҳилаи бунёди ҷомеаи иттилоотӣ ва бо рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ мафҳуми иттилоот муҳаққиқони ҳама самтҳоро аз гуманитарӣ то табиатшиносӣ ба худ ҷалб намудааст. Дар ин замина масъалаи иттилоот ва фаҳмиши фалсафии он солҳои охир аҳамиятнок гардида, бештари масъалаҳои бунёдии фалсафа ва илми муосир дар таносуб бо мафҳуми иттилоот шарҳу тавзеҳ меёбанд. Имрӯз нақши иттилоот дар ҳалли масъалаҳои истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, маърифатӣ, инчунин дар раванди қабули қарорҳои вобаста ба идоракуни соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷамъиятӣ боло рафта истодааст. Интихоби мавзуи мазкур ва ба риштаи омӯзишу таҳқиқ кашидани он барои фалсафа ва илми ватанӣ қадами ҷиддӣ буда, барои пайдо кардани тасаввуроти амиқ нисбати масъала нақши бориз дорад. Муаллифи диссертатсия низ, маҳз бо дарназардошти ин зарурат ба масъалаи назариявию методологии омӯзиши мавзуъ рӯ оварда, дар асоси таҳлили ҳамаҷониба хулосаҳои илман асоснокро пешниҳод намудааст.

Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ), ки он дар шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Муаллиф дар таҳияи диссертатсия зимни иҷрои як қатор вазифаҳои гузошташуда ба натиҷаҳои муайяни илмӣ ноил гардидааст. Аз ҷумла, муайян намудааст, ки мафҳуми иттилоот то солҳои 20-уми асри XX дар фаҳмиши муқаррарӣ истифода гардида, баъдан мазмуни фалсафӣ ва умумиилмиро касб кард. Дар ин замина ба қатори мафҳумҳои бунёдии

материя, энергия, ҳаракат ворид гардидааст. Асоснок намудааст, ки яке аз масъалаҳои мубрами фалсафӣ-методологӣ дар илми муосир гурӯҳбандӣ ва банизомдарории равишҳои асосӣ дар тавсифи падидаи иттилоот мебошад. Дар доираи тамоюлҳои нави илмӣ таъсири рушди босуръати иттилооткунонӣ, автоматикунонӣ, компютерикунонӣ, прогресси илмӣ-техникиро ба таҳаввулотиояндаи инсон дар фазои иттилоотии иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ахлоқии ҷомеаи муосир мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар доираи мазмуни фалсафӣ ва илмӣ-гуманитарӣ масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун масъалаи мубрами рӯз асоснок намудааст.

Ҳамзамон, муаллиф дар таҳқиқоти худ якчанд нуқтаҳои илмиро ба ҳимоя пешниҳод менамояд, ки аҳамияти баланди назариявӣ ва амалӣ доранд. Аз ҷумла, қайд менамояд, ки имрӯз низомҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва технологӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи имрӯза реша давонда, ба таври муттасил муҳити умумӣ ва арзишҳои моро дигаргун сохта истодаанд. Дар чунин шароит одамонро зарур аст, ки тарзи кор, зиндагӣ ва фаъолияти хешро ба талаботи ҷомеаи нав мутобиқ гардонанд. Дар доираи омӯзиш ва таҳлили таҳаввули тасаввурот оид ба мафҳуми иттилоот пешниҳод намудааст, ки мафҳуми «иттилоот»-ро намояндагони илмҳои табиӣ-техникӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-гуманитарӣ фаъолона коркард намуда истодаанд, ки натиҷаҳои бадастомада дарки нави фалсафиро тақозо менамояд. Дар баробари таҳлили равишҳои субстансионалӣ, атрибутивӣ, функсионалӣ ва нуқтаҳои назари мухталиф оид ба тавсифҳои фалсафӣ ва илмии мафҳуми иттилоот коркарди назарияи умумии иттилоот ва соҳаи нави таҳқиқот – информология, яъне илм дар бораи иттилоотро зарурӣ мешуморад. Дар шароити воқеияти иттилоотии муосир ва тағйироти ба он вобаста таъсири афзоиши омили иттилоотиро ба таҳаввулотиояндаи инсон яке аз масъалаҳои мубрами рӯз қайд менамояд. Инчунин дар шароити тантанаи тафаккури технократӣ, инқилоби интернетӣ ва баландравии мақоми Интернет масъалаи таносуби иттилоот, дониш ва ҷаҳонбиниро баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки инсони муосир худро бошандаи на сотсиосфера, балки инфосфера – муҳити иттилоотӣ эҳсос менамояд. Дар ин замина, манзараи иттилоотии олам ҳамчун ҷавҳари ҷаҳонбинии нави илмӣ дар мафкураи одамон мақоми марказӣ касб намуда истодааст.

Дар баробари ғояи пайдоиши одами нав – киборг (омехтаи одаму МЭҲ) масъалаи ташаккули ҳомо интеллигенс ва ҳомо электроникусро ба миён гузошта, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ имкон медиҳанд, ки қобилиятҳои эҷодии инсон бо имкониятҳои эҷодии низомҳои кибернетикӣ ва компютерҳо муттаҳид гарданд. Дар ин замина, муаллиф одилона хулоса мебарорад, ки ин ҳолат метавонад дар оянда ба шаклҳои рафтор, фаъолияти иҷтимоӣ, тарзи зист, инчунин ба таҳаввулоти сотсиотехникӣ ва антропологии инсон таъсири ҷиддӣ расонад. Дар натиҷаи

таҳлили хусусиятҳои ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ таъкид менамояд, ки ташаккули ҷаҳонбинии мазкур на танҳо барои ҷавонон, балки барои кулли сокинони солимфикри ҷомеаи имрӯза зарур мебошад. Воқеияти иттилоотии имрӯза нишон медиҳад, ки ҳеҷ як инсон, аз ҷумла шахси ҷавон аз таъсири пуршиддати омили иттилоотӣ дар канор буда наметавонад. Сабаб дар он аст, ки иттилоот бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла тариқи маводи чопӣ, радио, телевизион, телефон, компютер, Интернет ва амсоли инҳо ба шуур ва тафаккури онҳо ворид мегардад. Аз як тараф, таъсири омили мазкур истеъдодҳои технологӣ ва зеҳнии ҷавононро пурзӯр менамояд. Аз тарафи дигар, баъзе аз ҷавонони сустиродаву ноогоҳи мо ҳангоми ворид шудан ба фазои иттилоотӣ ба доми гурӯҳҳои иртиҷоӣ ва ифротӣ афтида, ба миллату Ватан хиёнат менамоянд. Вобаста ба ин ҳолат ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ дар ҷавонони имрӯзаи мо ҳамчун масъалаи мубрам дар фалсафа, илм, сиёсат ва фарҳанги ватанӣ мақоми калидиро касб намудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се бобу ҳашт зербоб ва хулосаю рӯйхати адабиёт иборат аст. Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, сатҳи омӯзиши масъала, ҳадафу вазифаҳо, предмету объекти таҳқиқ, асосҳои назариявию методологӣ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда нишон дода шудааст. Дар боби якум **«Таҳлили фалсафӣ ва умумиилмии мафҳуми иттилоот»** масъалаҳои генезиси таърихӣ-фалсафӣ ва гуногуншаклӣ дар фаҳмиш ва истифодаи мафҳуми иттилоот, аҳамиятнокии масъалаи иттилоот ва фаҳмиши фалсафии он баррасӣ гардидааст. Нишон дода шудааст, ки «иттилоот ба мафҳуми калидии манзараи муосири илмии олам мубаддал гаштааст, ки бе фаҳмиши моҳияти асосии он тасаввуроти мо нисбати воқеият ботил ва ғалат менамоянд» (саҳ. 22). Дар заминаи таҳлили консепсияҳо ва равишҳои фалсафӣ дар тавсифи мафҳуми иттилоот чунин хулоса намудааст, ки «иттилоот ҳамчун хосияти бунёдии материя дар ин ё он шакл худро дар дараҷаҳои гуногуни ташкили материя дармеёбад» (саҳ. 66). Дар боби дуюм **«Иттилоот ҳамчун омили муҳими ҷаҳонбинии илмӣ»** масъалаҳои тамоюлоти таҳаввулоти инсон дар шароити воқеияти иттилоотӣ, таносуби иттилоот ва дониш, иттилоот ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ташаккули ҷаҳонбинии муосири илмӣ баррасӣ шудаанд. Дар натиҷаи таҳқиқи таъсири воқеияти технологӣ ва иттилоотии имрӯза ба таҳаввулотиояндаи инсон пайдоши ғояи «киборг», консепсияҳои дигари аҳамияти фалсафӣ-методологидошта – ташаккули «ҳомо интеллигенс», «ҳомо электроникус» ва «ҳомо информатикус»-ро қайд намудааст (саҳ. 76-84). Масъалаи таносуби иттилooту дониш ва шабеҳияту тафовути онҳоро баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки «иттилоот берун аз зеҳн буда, дониш танҳо дар зеҳн аст» (саҳ. 104). Иттилоотро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ташаккули ҷаҳонбинии муосири илмӣ ва яке аз асосҳои бунёдии олам дониста, қайд менамояд, ки «аз нигоҳи фалсафӣ, замони тағйир додани

консепсияи асосҳои бунёдии олам фаро расидааст: бар ивази «олам моддист» бояд «олам моддӣ-иттилоотист»-ро истифода бурд» (саҳ. 116). Дар боби сеюм **«Масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** масъалаҳои таъсири иттилооткунонии ҷомеаи муосир ба дигаргуншавии фаъолияти инсонӣ, тарзи тафаккур ва низоми арзишҳо, зарурати даст кашидан аз ҷаҳонфаҳмии кӯҳна ва дар асоси донишҳои нави муосири илмӣ-техникӣ, иттилоотӣ, технологӣ, астрофизикӣ ва ғайра бунёди фаҳмиши нави фалсафӣ ва манзараи нави илмии олам, ташаккули «ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ» матраҳ мегарданд. Дар ин замина, қайд менамояд, ки «зарурати корбарии самаранок бо ҳаҷми афзоянда ва номгӯйи зиёди манбаҳои иттилоотӣ дар шароити муосир таҳкими дараҷаи омодагӣ ва маърифатнокии иттилоотиро аҳамиятнок мегардонад. Дар чунин шароит одамонро зарур аст, ки бо дарки фаврӣ ва коркарди ҳаҷми калони иттилоот омода гашта, аз истифодаи воситаҳои муосир, усулҳо ва технологияҳои корбарӣ бо иттилоот бохабар бошанд» (саҳ. 125-126). Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили андешаҳои олимон дар бораи воқеияти иттилоотӣ ва таъсири он ба фаҳмиш ва маърифати инсон одилона қайд менамояд, ки «имрӯз зарур аст, ба чунин сифати нави ҷаҳонбинии одамон – фаҳмиши нақши муайянкунандаи иттилоот ва равандҳои иттилоотӣ дар ҳодисоти табиат, дар ҳаёти ҷомеа, ниҳоят дар дар фаъолияти худи инсон диққати ҷиддӣ дод. Дар ин радиф муносибати арзишманд чи ба иттилоот, маҳсули иттилоотии бунёдшуда ва истифодашаванда, чи ба воситаҳои техникӣ ва технологияҳои нави иттилоотӣ, ки нишонаи асосии ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ мебошанд, аҳамияти калон дод» (саҳ. 140-141).

Хулосаҳои пешниҳоднамуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот аз муҳтавои диссертатсия маншаъ гирифта, комилан мазмун ва хусусияти илмӣ доранд. Рӯйхати адабиёти истифодашуда тибқи меъёрҳои муайянгардида тартиб дода шудааст. Автореферат ва корҳои нашршудаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Диссертатсия, бешубҳа, таҳқиқоти мустақил ва бaанҷомрасидаи илмӣ буда, дар сатҳи хуби идеявӣ ва назариявӣ таҳия гардидааст. Дар диссертатсия як қатор нуктаҳо ва тавсияву хулосаҳое ҷой доранд, ки онҳоро ҳамчун саҳми шахсии муаллиф дар ин ҷода арзёбӣ намудан мумкин аст.

Бо вуҷуди сифатҳои мусбӣ диссертатсияи Камолов Ш.В. аз баъзе камбудиҳо орӣ нест. Аз ҷумла:

1. Диссертант дар таҳқиқи зербоби 1 ва 3-и боби дуюм бештар ба пажуҳишҳои муҳаққиқони хориҷӣ рӯ овардааст, аммо андешаҳои муҳаққиқони ватанӣ аз назар дур мондаанд.
2. Дар баъзе қисматҳои диссертатсия такрории андешаҳои муаллиф ба назар мерасанд (саҳ. 37, 53, 77, 93, 106, 142).

3. Дар диссертатсия як зумра мафҳум ва ибораҳое вуҷуд доранд, ки душворфаҳм мебошанд. Монанди: энтропия (саҳ. 40), негэнтропия (саҳ. 41), тезаурус (саҳ. 42), оператор (саҳ. 44), диссипативӣ (саҳ. 48), метаиттилоот, коиниттилоот, информатив (саҳ. 68), омехтаи техноантропоидӣ (саҳ. 78); ва ғайра.

4. Дар матни диссертатсия хатогиҳои имлоӣ, техникӣ ва мантиқӣ ба назар мерасанд (саҳ. 13, 41, 78, 92, 113, 144).

Бояд таъкид намуд, ки камбудиҳои зикршуда аҳамияти назариявию амалии диссертатсияро кам намекунанд. Зеро довталаби дараҷаи илмӣ ба он мақсаду вазифаҳое, ки дар таҳқиқот гузоштааст, ноил шудааст

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Камолов Шодмонҷон Валихонович дар мавзуи «Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ
номзади илмҳои фалсафа, муаллими
калони кафедраи кори иҷтимоии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сатторзода С.Н.

Имзои Сатторзода С.Н.-ро
тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ